# Дар бораи мо

## Қиссаи «Салиҳин»

Соли 2021 ҷавоне бо чеҳраи ноаён ва бо ихлоси пок қадами худро дар роҳи сабук кардани дарду ранҷи инсонҳои ниёзманду заиф гузошт. Ӯ бе он ки аз худ номе барад ё чеҳраи худро ошкор созад, дар миёни мардум бо номи Солеҳ маъруф гардид.

Солеҳ бо дили пур аз меҳру ҳамдардӣ ба дидори одамони бенаво мерафт, ва аз нигарониҳои ҳаводиси рӯзгори онҳо бохабар мешуд ва талош мекард барои ҳар мушкил роҳи ҳал пайдо намояд.

Бо гузашти вақт ин иқдомҳои содаву самимӣ ба як ҳаракати некӣ табдил ёфт. Ҳамин тавр, соли 2023 фаъолияти ӯ таҳти номи ТҶХ «Хатбар» шакли муназзам гирифт ва барои густариши амалҳои хайрхоҳона заминаи васеъ фароҳам овард. Ин марҳила имкон дод, ки кумакҳо на танҳо ба шахсони алоҳида, балки ба оилаҳо ва ҷомеаҳои ниёзманд низ расонида шаванд. Дар баробари расонидани ёрӣ, таваҷҷуҳи асосӣ ба тавонмандсозии инсонҳо, беҳтар намудани шароити зиндагӣ ва таҳкими умеди онҳо баояндаи нек равона гардид.

Ҳамин тавр соли 2024 Ташкилоти байналмилалии хайриявии «Салиҳин» фаъолияти худро ҳамчун як ташкилоти байналмилалӣ оғоз намуд. Ин марҳила оғози давраи наве буд, ки дар он амалҳои хайрхоҳона бо лоиҳаҳои васеътар ва ташаббусҳои башардӯстона идома ёфтанд.

Имрӯз «Салиҳин» барои расонидани кумак ба қишрҳои осебпазири ҷомеа, дастгирии оилаҳои ниёзманд, сарпарастии ятимон, татбиқи лоиҳаҳои обрасонӣ, тандурустӣ, маориф ва дигар ташаббусҳои башардӯстона талош менамояд. Ҳар иқдом ва ҳар лоиҳае, ки аз ҷониби ин ташкилот амалӣ мегардад, бар пояи арзишҳои инсондӯстӣ ва масъулияти иҷтимоӣ бунёд ёфтааст.

Фалсафаи «Салиҳин» бар ин андеша устувор аст, ки кори хайр ба ном ва чеҳра вобаста нест. Ҳар нафаре, ки дасти кумак дароз мекунад, метавонад худро дар чеҳраи  Солеҳ бинад.

## Дурнамо

Мо ба бунёди ҷомеае талош менамоем, ки дар он арзишҳои инсондӯстӣ ва адолати иҷтимоӣ поянда бошад ва ҳар инсон, новобаста аз нажод, миллат ва дин имкони зиндагии шоиста, боиззат ва пур аз умедро дошта бошад.

## Рисолати мо

Рисолати мо дастгирии қишрҳои осебпазири ҷомеа ва таҳкими рӯҳияи хайрхоҳӣ дар ҷомеа аст. Мо тавассути татбиқи барномаҳо ва ташаббусҳои худ кушиш мекунем шароити зиндагии ниёзмандонро беҳтар сохта, барои онҳо имкони рушди устувор ва худкифоиро фароҳам оварем.

## Арзишҳо ва принсипҳои мо

- арҷгузорӣ ба шаъну каромати ҳар инсон ва эҳтироми гуногунрангии ҷомеа
- таҳкими ҳамбастагӣ ва фаъолияти муштарак барои расидан ба ҳадафҳои нек
- садоқат ба масъулияти иҷтимоӣ ва иҷрои шаффофи уҳдадориҳо
- ҷустуҷӯи роҳҳои наву муассир барои ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ
- фаъолияти поквиҷдонона ва мутобиқ ба қонун ва меъёрҳои ахлоқӣ

Ташкилоти «Салиҳин» фаъолияти худро ба соҳаҳои ҳифзи иҷтимоӣ, маориф, тандурустӣ ва кумакҳои башардӯстона равона намуда, барои ҳифзи шаъну каромати инсон ва фароҳам овардани имкони зиндагии арзанда талош менамояд.

Зеро бовар дорем, ки некӣ вақте арзишманд мегардад, ки инсон аз ҳолати ниёз ба иззатмандӣ расад.